## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз руйӣ ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. (ш. Душанбе, 2026. – 41 саҳ).**

Автореферати диссертатсияи мазкур, ки аз 88 саҳифа (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) иборат аст, ба омузиши ҳамаҷонибаи мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқот ҳамчун масъалаи мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ дар шароити имруза мебошад. Сохтори автореферат бо риояи талаботҳои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода карда шуда, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Мубрамият ва аҳамияти илмии мавзуъ.** Муаллиф дар муқаддимаи автореферат ба таври муфассал мубрамияти мавзуро асоснок намуда, қайд менамояд, ки бо вуҷуди он ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон се моддаи алоҳида («Моддаи. 129. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттифоқ), Моддаи 130. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ), Моддаи 131. Ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзои ассотсиатсия (иттифоқ)») мавҷуд бошад ҳам, аммо иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар ҳуқуқи маданӣ боқӣ мондааст. Муносибатҳои марбут ба таъсис, фаъолият ва қатъи иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси шартнома дар қонунгузории мадании Тоҷикистон ба низом даровaрда нашудаанд. Ин дар навбати худ боиси ба миён омадани норасоиҳо дар танзими ҳуқуқӣ мегардад. Вобаста ба ин, зарурати таҳлили муфассали назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии асотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба миён омадааст. Чунин зарурат бо қабули «Консепсияи рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» алоқаманд аст, ки барои рушди иқтисодиёт, такмили қонунгузории маданӣ бо роҳи пурра бартараф намудани камбудиҳои дар он мавҷудбуда равона шуда бошад. Яке аз масъалаҳои ҳуқуқии ҳалталаб муайян намудани меъёрҳои узвият дар ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мебошад. Дар қонунгузории маданӣ ба саволи он ки оё ба чунин иттиҳодияҳо метавонанд танҳо ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ё тиҷоратӣ дохил шаванд ё ба ҳайати омехта ё иштироки соҳибкорони

инфиродӣ ва шахсони воқеӣ иҷозат дода мешавад, ҷавоби аниқ дода нашудааст. Тафовут дар ҳадафҳо ва қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳо ҳангоми муттаҳидшавӣ (ба асотсиатсияҳо) душворӣ эҷод мекунад, ки қонунӣ ва самаранокии фаъолияти муштараки онҳоро зери шубҳа мегузорад. Вобаста ба ин, зарурати таҳлили муфассали назариявии шаклҳои иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар қонуни мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ба миён омадааст.

**Сохтор ва мазмуни автореферат.** Автореферат дар доираи талаботи муқарраршуда сохторбандӣ шудааст. Дар қисми тавсифи умумии таҳқиқот мақсад (таҳлили илмию амалии масъалаҳои муайяни танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа), вазифаҳо (муайян намудани мафҳум ва намудҳои ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), баррасии тартиби таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо); таҳлили заминаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо); муайян намудани хусусият ва мақоми ҳуқуқии иттифоқҳои тиҷоратӣ; таҳлили вазъи ҳуқуқии иттифоқҳои ғайритиҷоратӣ; муайян намудани мушкилоти қонунгузорӣ ва коркарди пешниҳодҳо оиди такмили қонунгузорӣ дар самти танзими фаъолияти ассотсиатсия ва иттифоқҳо), объект (муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни таъсис ва фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд), марҳилаҳо ва заминаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд. Асоси назариявӣ бо истинод ба асарҳои олимони ватанию хориҷӣ (И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ҳ.З. Бобохонов, Ш.К. Ғаюрзода, И.Ғ. Ғаффорзода, Ш.К. Каримзода (Ш.К. Бадалов), Қ.Ш. Қурбонов, М.А. Маҳмудзода, Ш.М. Менглиев, Ҷ.С. Муртазозода, М.З. Раҳимзода, В.А. Ойгензихт, Д.Ш. Сангинзод, Ш.Т. Тағойназаров, А.А. Антипова, А. А Каминки, Т. В. Кашанина, М. И. Кулагина, О.В. Каменева, О.П. Кашковский, О.А. Кожевникова, В. В. Лаптева, В.В. Лысенко, Н. И. Михайлова, Д.В. Новака, А.И. Орлова, А. Е. Пилецкого, В. Ф. Попондопуло, Т.В. Сойфер, .Н. Сидорова, О.А. Тернова, Р.В. Уткина, И.Ш. Файзутдинова, О.А. Чернега, Е.В. Шаклеина) мукаммал аст. Методологияи таҳқиқот (усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, ба монанди усули диалектикӣ-мантиқӣ, индуксия, дедуксия, таҳлил, синтез, муқоисавии ҳуқуқӣ, мантиқии расмӣ, комплексӣ, диалектикӣ, таҳлили системавӣ, моделсозии ҳуқуқӣ) мувофиқи талаботҳои илмӣ интихоб шудааст. Заминаҳои эмпирикӣ (Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи судӣ, мушоҳидаҳои оморӣ ва таҷрибаи Вазорати адлия, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии соҳавӣ) асоси боэътимоди таҳлилро таъмин менамоянд.

**Навгонии илмӣ ва нуқтаҳои ҳимояшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки рисолаи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои мубрами таҳлили танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Инчунин, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хусусияти комплексӣ ва ҳамаҷониба доштани он зоҳир мегардад. Дар диссертатсия мафҳумҳои ассотсиатсия ва иттиҳодия пешниҳод шудааст, ки бояд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода карда шаванд. Инчунин, пешниҳод оид ба ягонакунии қонунгузории маданӣ дар соҳаи муқаррар намудани мақоми ҳуқуқии ассотсиатсия ва иттифоқҳо тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйир додани номи «иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ» ба «иттиҳоди шахсон» манзур мешавад. Асоснок карда шудааст, ки ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо метавонанд аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла ҳайати омехтаи иштирокчиён, инчунин вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо таъсис дода шаванд. Дар робита ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор ворид карда, ҳуқуқи чунин иттиҳодияҳоро барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд.

Дар автореферат мушкилиҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз равишҳои доктриналӣ, меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, ҳамчунин амалияи ҳуқуқтадбиққунӣ дар ин соҳа, таҳлил шудааст, ки нақши онҳоро дар ягонасозӣ ва ҳамоҳангсозии ҳуқуқ нишон медиҳад. Ҳамчунин рӯйхати нашрияҳо (1 воситаи таълимӣ, 17 мақола, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои Комиссия олии аттестатсионии назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва адабиёт (21 манбаъ, аз ҷумла монографияҳо ва захираҳои электронӣ) ҳаҷм ва сифати таҳқиқотро тасдиқ менамоянд ва аннотатсияҳо ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ), оварда шудааст, ки муҳтавои мазмуни пурраи таҳқиқотро инъикос менамояд.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи маълум мегардад, ки муаллиф танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони муосир таҳлил намуда, ба масъалаи таърихи инкишофи фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таваҷҷуҳ накардааст. Хуб мешуд, ки довталаб таҳлили мухтасари таърихи

инкишофи фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар доираи таҳқиқоти мазкур анҷом медод.

Бо вуҷуди ин, автореферати диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ва дорои сохтори мукаммали мантиқӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад. Кори илмӣ-таҳқиқотии мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад ба ҳалли мушкилоти назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, мусоидат намоянд ва сабаби рафъи камбудиҳои муайяни ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории миллӣ дар ин соҳа гардида, дар тадриси фаннҳои таълимии «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва курси махсуси «Ҳуқуқи корпоративӣ» ва «Танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ» ва ғайра, истифода гардад. Бо назардошти гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки муаллифи таҳқиқоти илмӣ Амирзода Фарнуш Амир сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Сармутахассиси Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдуллозода Ё.М.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, кучаи Шевченко-55,
Тел. (+992 37) 985-27-97-80, 221-14-18
E-mail: abdullozoda141290@mail.ru

**Имзои Ё.М. Абдуллозодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исозода Д.О.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко-55
Тел. +992 (37) 221-08-28.
E-mail: info@sud.tj

«17» 02 соли 2026